# ТАҚРИЗ

**Ба автореферати Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дар мавзуи «Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 - Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)ш. Душанбе, 2025 с.**

Мафҳуми шуури ахлоқӣ дар автореферати Насриддинов Ҳ.Н. дар маркази таваҷҷуҳи олимони ҷомеашинос, бахусус Муҳаммад Ғазолӣ қарор гирифтааст. Ин мафҳумро бо он шарҳ медиҳанд, ки дар таърихи башарият дар байни ҷомеаҳои гуногуни иҷтимоӣ арзиши волои инсонӣ мебошад. Мутафаккирон ва шахсиятҳои маъруф барои роҳҳои ҳалли ин арзиш асарҳоеро таълиф намуданнд, ки омӯзиши он хеле муҳим аст.

Дар шароити густаришёбӣ ва пешрафти илму техника вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ ва маънавии инсон тағйир пазируфта, ахлоқи одамон зери таъсири омилҳои гуногун ба буҳрон рӯ ба рӯ мегардад. Аз ин рӯ, барои бартараф сохтани ин буҳрони маънавӣ омӯзиши амиқи арзишҳои ахлоқӣ дар таълимоти мутафаккирони гузашта ва истифодаи амалии онҳо тақозои замон мебошад. Ин амал дар замони муосир танҳо дар он сурате самаранок буда метавонад, ки агар консепсияҳои гуногуни ахлоқӣ мавриди таваҷҷуҳи хосса қарор гирифта, сифатҳои ахлоқи ҳамида ҷиҳати ислоҳи нуқсонҳои тарбиявӣ ва самаранокии онҳо барои инсони муосир аз нигоҳи илмӣ асоснок ва арзишҳои ахлоқии мусбат дар амалия татбиқ ёбанд. Яке аз чунин сарчашмаҳои асримиёнагӣ барои мардуми кишвари мо андешаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ, умуман ва махсусан, таълимоти ахлоқии яке аз намояндагони он - Муҳаммад Ғазолӣ мебошад, ки на танҳо дар тули асрҳо аҳамияти тарбиявӣ-ахлоқии худро гум накардааст, балки мавриди таваҷҷуҳи вижа қарор гирифтааст.

Дар ин самт диссертатсияи Насриддинов Ҳ.Н. қадами устувор дар шинохти моҳияти фазилати инсон ва фазоили ахлоқӣ дар таълимоти М. Ғазолӣ буда, дорои арзиши баланди назариявӣ ва амалӣ мебошад.

Диссертант дар автореферат табақабандии фазилатҳоро дар таълимоти умуми ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ нишон медиҳад, ки ӯ чаҳор фазилати асосиро ҷудо намудааст - ҳикмат, шуҷоат ва иффат (эътидол), ки ба қувваҳои зеҳнӣ (ақлӣ), ғазабӣ ва шаҳвоният мутаносибанд ва вазифаи фазилати асосии чаҳорум, яъне адолат дуруст ҷойгир кунонидани қувваҳои болозикр дар муносибат ба якдигар мебошад. Тамоми фазилатҳои боқимондае, ки Ғазолӣ аз онҳо сухан мегӯяд, ба адолат тобеъ мебошанд. Аз ҷониби дигар, ақидаҳои ӯ дар бораи фазилатҳо ҳам аҳаммияти умумиахлоқӣ ва амалӣ доранд ва ҳам дур гаштан аз воқеият ба сабаби такя ба теология дар таълимоти ӯ ба мушоҳида мерасад. Дар умум, мутафаккир маҳз моҳияти фазилатҳои номбаршудаи асосӣ ва дуюмдараҷаро дар марҳалаи дуюми фаъолияти худ аз нигоҳи тасаввуф дигаргун сохтааст.

Муасаллам аст, ки дар кишварҳои ҷаҳони муосир то ҳол ҳолатҳои муноқишаро метавон пайдо кард, ки бо сабабҳои гуногун байни нажодҳо, миллатҳо ва динҳо вуҷуд дорад. Аз ин лиҳоз, омӯзиши масъалаи мазкур дар низоми арзишҳои маънавии тамаддуни башарӣ ҳамчун талаби илм арзёбӣ қарор гирифтааст. Дар ин асос метавон зикр намуд, ки автореферати муҳаққиқ хеле муҳим дар ин мавзуъ инъикос гардидааст. Муаллиф аз уҳдаи вазифаи хеш баромада, ба мақсади интихобнамудаи худ муваффақ мебошад.

Вақте ки қалби инсон ба хусус мусулмон эҳсоси тарсу ҳайбати истодан дар пешгоҳи Худоро мекунад, хоксорӣ ва фурутанӣ дар вуҷудаш пайдо гардида, осори ин хавфу хушӯъ дар тамоми узвҳои бадан ва дар афъолу кирдораш намудор мешавад, то ба ин васила шукру сипоси Худовандро бар неъматҳояш ба ҷо меорад, ки бидуни шак ин ибодати воқеияти ҳар фарди мусулмонро нишон медиҳад. Ин амали хуб дар ҷомеа барои ҳар фард муҳим буда, рушди инсон тавассути ибодат сурат мегирад. Аз таърихи шахсиятҳои бонуфӯз мо хоҳем маълумот пайдо намоем, ки чӣ сабаб шудааст ба мартаби эҳтиром расидаанд, албатта,

хоксори ва фурутанӣ боис гардидаст, ки дар ибодат ва дигар амалҳои онҳо риё ва худнамои дида намешуд, то номи эшон дар таърих бо накӯи зикр карда шудааст. Ин афъоли болозикр дар автореферати муҳаққиқ ба таври муфассал баён шудааст.

Дар баробари нуктаҳои мусбии дар матни автореферати диссертатсия ҷой дошта, баъзе камбудиҳои низ ба назар мерасанд, аз ҷумла шумораи начандон зиёди хатогиҳои имлоӣ ва услубӣ.

Дар маҷмуъ, автореферати диссертатсияи Насриддинов Ҳукмиддин Наҷмиддинович дар мавзуи **«Консепсияи фазилати инсон дар осори ахлоқии Муҳаммад Ғазолӣ» аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – Таърихи фалсафа (илмҳои фалсафӣ)** пешниҳод гардидааст, ки дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расида, муаллиф бо он талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси номбаршуда иҷро намудааст.

Такриздиҳанда:
д.и.ф., профессори кафедраи «Фанҳои ҷомеашиносӣ»-и ДДТТ ба
номи Абӯалӣ ибни Сино _____________ Саидов А.С.

Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, Н. Махсум, 74/4
Тел.: (+992) 907 734 603
E-mail: a.saidov2014@mail.ru

имзо/подпись Саидов А. С.
ТАСДИҚ МЕНАМОЯМ/ЗАВЕРЯЮ
САРДОРИ БАХШИ КАДРИИ РРК/
НАЧАЛЬНИК ОТДЕЛА КАДРОВ УВК
«08» 08 2025 с/г

Нишонии муассиса:
734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Ш. Душанбе, к. Сино, 29/31
Тел.: (+992) 934 884 875
E-mail: 20tajmedun.tj